Конститутсия - кафолати рушди ҷомеаи адолатпарвар ва волоияти қонун

# Садои мардум

Нашрияи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон | № 91 (4831) | ЧОРШАНБЕ, 17 ИЮЛИ СОЛИ 2024 | Аз 1 январи соли 1991 чоп мешавад



# ИФТИТОҲИ КОРХОНАҲОИ НАВ ДАР ДУШАНБЕ

**16-уми июли соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Исмоили Сомонии пойтахт корхонаи истеҳсоли маҳсулоти нонию қаннодии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нонпаз»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Иншоот дар заминаи корҳои ободонию созандагӣ ба истиқболи ҷашни бузургу муқаддаси миллӣ - 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо риояи санъати хоси меъмории миллӣ бунёд ёфта, корҳои навсозӣ ва мутобиқгардонӣ ба замони муосир соли 2021 оғоз гардидааст.

Таъкид бояд кард, ки Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Нонпаз» аз солҳои 30-юми қарни гузашта фаъолият дошт ва бо пешрафти замону рушди ҷомеа тамоми дастгоҳу таҷҳизоти он корношоям гардида буд.

Бо дастгирӣ ва ҳидоятҳои созандаи роҳбарияти олии сиёсии кишвар иншоот пурра навсозӣ гардида, дар он тамоми инфрасохтор барои истеҳсоли маҳсулоти нонию қаннодӣ муҳайё гардидааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни боздид аз шароити фароҳамгардида ва раванди истеҳсолот ба ташаббускорон ҷиҳати ҳамоҳангӣ дар амалисозии ҳадафҳои созандаи Ҳукумати кишвар миннатдорӣ карда, иқдоми мазкурро намунаи олии дастгирӣ ёфтани сиёсати давлату Ҳукумат дар самти бунёдкориву созандагӣ арзёбӣ намуданд.

Иттилоъ дода шуд, ки имрӯз дар корхонаи «Нонпаз» беш аз 80 намуди маҳсулоти нонию қаннодӣ, аз ҷумла нон, батон, баггет, кулчаҳои қандин, торт, круассан, шириниҳои варақӣ ва амсоли инҳо, истеҳсол мешавад, ки бо таъми хоса дар бозори истеъмолӣ харидорони худро пайдо кардааст. Иқтидори истеҳсолӣ дар як шабонарӯз 40 тонна маҳсулоти нонӣ ва 5 тонна маҳсулоти қаннодӣ мебошад.

Тамоми дастгоҳу таҷҳизоти насбшуда истеҳсоли насли нав буда, аз давлатҳои Олмон ва Италия ворид гардидааст, ки аз ҷиҳати самаранокии неруи барқ каммасраф ва бисёрфунксионалӣ мебошанд.

Тавре иттилоъ доданд, бо пурра ба истифода додани корхонаи нонию қаннодии «Нонпаз» теъдоди кормандон аз 200 то ба 400 нафар расонида мешавад, ки дар ин замина иқтидори истеҳсолӣ низ ба маротиб зиёд хоҳад шуд.

Барои ба фурӯш баровардани маҳсулоти ниҳоӣ дар ҳудуди ноҳияҳои пойтахт ташкили 24 нуқтаи фурӯш дар назар дошта шудааст ва барои анҷоми хизматрасонӣ мошинҳои хизматӣ ҷалб хоҳанд шуд.

Мавриди зикр аст, ки намои зоҳирии бино бо усулҳои нави меъморӣ бунёд ва чароғон шудааст. Саҳн ва атрофи корхона сабзкорӣ шуда, ҳамчунин, роҳравҳои берунии он ва таваққуфгоҳ асфалтпӯш гардидааст.



Корхона дар масоҳати 4 ҳазору 800 метри мураббаъ доман густурда, аз ҷониби соҳибкори ҷавон Усмон Мирзоалиев бунёд гардидааст. Иншоот аз сехҳои алоҳидаи истеҳсолӣ иборат буда, ҳуҷраҳои роҳбарият, муҳосибот, фурӯш, маҷлисгоҳ ва ошхона барои 100 нафар дар бинои маъмурии дуошёна ҷойгир карда шудааст.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо кормандон ва масъулин ба онҳо ҷиҳати беҳтар кардани сатҳу сифати истеҳсолот ва рақобатпазир намудани он дастуру маслиҳатҳои муфид дода, ба фаъолият пардохтани корхонаро қадами муҳим барои рушди соҳаи саноат дар пойтахт арзёбӣ намуданд.

Дар навбати худ кормандон ва масъулини коргоҳи «Нонпаз» ба Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои дастгирии ҳамешагӣ ва фароҳамсозии шароити созгори кору фаъолият миннатдорӣ намуда, уҳдадор шуданд, ки минбаъд низ дар амалишавии ҳадафҳои созандаи Ҳукумати кишвар дар самти рушди соҳаи саноат саҳми муносиби худро хоҳанд гузошт.

**16-уми июли соли равон Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар пойтахти мамлакат, дар ҳудуди Парки технологияҳои инноватсионии «Ғаюр Гурӯҳ» марҳилаи дуюми корхонаи истеҳсоли халтаҳои полипропиленӣ, платаҳои чопӣ ва фурӯзонакҳои диодии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ғаюр Гурӯҳ»-ро, ки аз ҷониби соҳибкори ватанӣ Акбар Асадулло бунёд шудааст, мавриди баҳрабардорӣ қарор доданд.**

Зимни боздид ба Сарвари давлат иттилоъ доданд, ки марҳилаи дуюми корхонаи истеҳсоли маҳсулоти полипропиленӣ дар асоси технологияи муосири соҳавии ширкатҳои пешқадами ҷаҳонӣ фаъолият менамояд. Таҷҳизоти корхона аз ширкати «Старлингер»-и Австрия харидорӣ гардида, дар Осиёи Марказӣ феълан ягона ба ҳисоб меравад.

Ёдовар мешавем, ки марҳилаи аввали корхонаи мазкур соли 2020 аз тарафи Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ифтитоҳ гардида буд.

(Давомаш дар саҳ. 2)

# МУЛОҚОТИ РУСТАМИ ЭМОМАЛӢ БО ҲАЙАТИ ДАСТАИ МУНТАХАБИ ТОҶИКИСТОН



**Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе, Президенти Федератсияи футболи Тоҷикистон муҳтарам Рустами Эмомалӣ бо ҳайати дастаи мунтахаби Тоҷикистон, ки дар Бозиҳои 33-юми олимпии шаҳри Парижи Фаронса иштирок менамоянд, мулоқот анҷом доданд.**

Тавре аз шуъбаи иттилооти дастгоҳи Раиси шаҳри Душанбе хабар доданд, дар вохӯрӣ муҳтарам Рустами Эмомалӣ таъкид намуданд, ки варзишгарон дар чунин чорабиниҳои бонуфузи варзишӣ на танҳо бо касбият ва қобилияти фавқулода, балки бо хушахлоқӣ ва рафтору кирдори намунавӣ низ муаррифгари меҳан ва фарҳанги хеш мебошанд.

Инчунин, иброз гардид, ки дастгирии ҷавонони ватандӯсту меҳанпараст, аз ҷумла варзишгарон, ҳамеша дар мадди назари Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, баҳри инкишоф ва сайқали варзишии онҳо дар мамлакат тамоми шароит муҳайё мебошад.

Изҳори боварӣ шуд, ки дар оянда варзишгарони тоҷик аз худ маҳорати баланди касбӣ нишон дода, шумораи роҳхатҳоро ба чунин мусобиқаҳои бонуфуз бештар менамоянд.

Таъкид гардид, ки дар Бозиҳои олимпии Париж-2024 варзишгароне, ки сазовори зинаҳои ифтихорӣ мегарданд, аз номи Раиси шаҳри Душанбе бо хонаҳои 3, 2 ва 1-ҳуҷрадор дар пойтахти мамлакат сарфароз мешаванд.

Дар охир муҳтарам Рустами Эмомалӣ Парчами давлатии кишварро ба Темур Раҳимов - парчамбардори дастаи варзишгарони Тоҷикистон тақдим намуда, ба ҳамаи онҳо барору музаффарият таманно намуданд.

Ёдовар мешавем, ки Бозиҳои 33-юми олимпӣ аз 26-уми июл то 11-уми августи соли равон баргузор мегарданд. Барномаи бозиҳо аз 32 намуди варзиш иборат буда, иштироки 10500 варзишгар аз 206 давлати дунё дар назар аст.

Иштирокчиён давоми 17 рӯз барои 329 маҷмӯи медалҳо мубориза хоҳанд бурд.

Дар ин чорабинии муҳими варзишӣ Ҷумҳурии Тоҷикистонро 14 варзишгар аз рӯйи 6 намуди варзиш, аз ҷумла ҷудо, бокс, таеквондо, гӯштини тарзи озод, шиноварӣ ва варзиши сабук, муаррифӣ хоҳанд намуд.

**Фархунда АБДУЛҲАКИМОВА, «Садои мардум»**

# МУЪҶИЗАИ АСР

**Сафари мо ба НБО «Роғун», ин кохи нур, тариқи корвони иттилоотии журналистон сурат гирифт. Мақсад аз ташкили сафар ошноӣ бо вазъи кор ва зиндагии фотеҳони иншооти бузурги аср мебошад. Ҳамроҳони мо кормандони рӯзномаҳои ноҳиявию шаҳрианд. Бештарашон бори аввал ба «Роғун» меоянд ва хеле ҳаяҷон доранд. Мо замони шуравӣ аз ин макон дидан карда будем, аммо баъд аз соҳибистиқлолӣ ин ҷо дигаргунии зиёд ба амал омада, ба корзори бузург табдил ёфтааст. Ҳоло «Роғун» вирди забонҳост. Хурду бузурги Тоҷикистон дар борааш зиёд мегӯянду менависанд, аммо «Роғун»-ро бо ҳама азаматаш наметавон бо сухан тасвир кард. Ин муъҷизашаҳрро ба чашми сар бояд дид.**

Ин навбат «Роғун»-ро тамоман дигаргуна дарёфтем. Ин ҷо он қадар тағйироту навгониҳо ба амал омада, ки кас бовар намекунад ин ҳама аз заҳмати инсон аст. Хусусан, ҳолати кӯҳро шикофтану пора кардан ва дар дохили он аз оҳану бетон қаср бунёд намудан.

### САРБАНД

Нахуст аз сарбанд дидан кардем. Воқеан, дидани сарбанди неругоҳ, ки бо баландии 335 метр аз шумори баландтарин сарбандҳои олам дониста мешавад, бисёр таъсирбахш аст. Ҳоло мо назди ин сарбанд истода, ҳеҷ бовар карда наметавонем, ки пешорӯи обанборе қарор дорем, ки дар дунё баландтарин маҳсуб меёбад. Он на танҳо сарбанди як неругоҳи азим, балки бо гузашти солҳо садди бузурги баҳри беканоре хоҳад гашт, ки дарозиаш наздик ба ҳаштод ҳазор метр тӯл мекашад.

Фаромӯш накардаем чӣ тавр баста шудани пеши роҳи ин рӯди саркашро. Он замон ин ҷо мардуми зиёде ҷамъ омада буданд. Ин манзараи ҳаяҷонбахш, лаҳзаҳоеро, ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сари чанбари булдозер нишаста, маҷрои дарёро бастанд, мардуми кишвар аз тариқи телевизион тамошо карданд. Ин лаҳзаҳои таърихӣ ҳеҷ гоҳ аз хотираи мардум зудуда нахоҳад шуд. Бале, баста шудани маҷрои оби Вахш на танҳо ҳодисаи фараҳбахши сиёсию иқтисодӣ, балки рӯйдоди муҳими таърихии кишварамон мебошад, ки баояндаи неки халқи тоҷик мусоидат хоҳад кард. Мо ба ин бовар дорем. Он, бегуфтугӯ, дар китоби корномаҳои энергетикии Ватанамон бо ҳарфҳои заррин сабт ва оғози марҳилаи наве дар роҳи расидан ба истиқлолияти комили энергетикии кишвар хоҳад шуд. Неругоҳ ба бузургию ҳашамат ва тарҳи наҷибаш беназир аст. Тарҳи наҷиби он аз ҷониби беҳтарин мутахассисон, маҳз, барои шароити кӯҳистони Тоҷикистон омода шуда. Ба ҳамин хотир, Роҳбари давлатамон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои бунёди неругоҳ мубориза бурданд. Ҳарчанд дар ин роҳ ба мушкилоти зиёд рӯ ба рӯ шуда бошанд ҳам, ниҳоят ин ҳама такудавҳо, гуфтугӯю муборизаҳо натиҷаи дилхоҳ оварданд.

### ОБАНБОРИ АЗИМ

Мо дар саргаҳи обанбори тозабунёди неругоҳи азим қарор дорем, ки оянда ба яке аз калонтарин иншооти энергетикии Осиёи Марказӣ табдил меёбад. Ин мавзеъ макони нодири табиати Тоҷикистон аст ва шояд дар тамоми олам чунин макони мувофиқ - дарёи сероб ва софу тезҷараён, кӯҳҳои устувор, ҷои васеъ ва мувофиқ барои ҷамъ шудани об мавҷуд набошад, ки дар он ба ин андоза имкони



табиӣ барои бунёди чунин як неругоҳи азим фароҳам бошад. Аз ду ҷониб кӯҳҳои баланду устувор соҳилҳои Вахшро иҳота кардаанд, вагарна сохтани чунин садди мустаҳкам даҳсолаҳо даст намедиҳад. Дар ин гуна шароит бунёди чунин як неругоҳи азимро ба ҷуз қаҳрамонӣ чизи дигаре наметавон унвон дод. Вахши саркашу мағрур водиро ду ҳисса кардааст, ки ҳар ду қисмаш саросар санг асту кӯҳ. Мардуми ин ҷо замини мувофиқ барои киштукор ва боғдорию чорводорӣ надоранд. Аз талу теппа ва ёлаҳояш низ наметавон суди зиёде бардошт.

Он рӯз дур нест, ки ин ҷо баҳри азиме ба вуҷуд меояду инфрасохтори туристӣ бунёд мегардад. Ин дигаргунӣ зиндагӣ ва рӯзгори мардуми минтақаро бесобиқа тағйир хоҳад дод. Сайёҳони зиёде ба ин макон ташриф хоҳанд овард, ки дар натиҷа садҳо ҷойҳои нави корӣ пайдо мегарданд. Ин ҳама, дар маҷмӯъ, ба беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардуми канорҳои соҳил бетаъсир нахоҳад монд. Ин ҷо, ҳамчунин, метавон моҳипарвариро рушд дод.

### САРБАНД
### Кор ба марҳалаи ниҳоӣ наздик мешавад

Кор дар сарбанд ва минтақаҳои ба он наздик, ки бо баланд шудани сатҳ зери об мемонанд, бо ҷӯшу хурӯш идома дорад. Роҳбалад моро ба нуқтаи баландтарини обанбор мебарад. Ҳар қадар боло мебароем, ҳамон андоза атрофи неругоҳ беҳтару хубтар намоён мешавад. Дар ин баландӣ низ кор босуръат ҷараён дорад. Ин ҷо қисме ба мустаҳкам кардану сементбандии нишебиҳои кӯҳ ва қисми дигар ба кофтани чоҳҳои чуқуриашон аз 150 то ба 200 метр машғуланд. Кор дар ин ҷо ба марҳалаи ниҳоӣ наздик мешавад. Ҳоло коргарон атрофи чоҳҳоро бо симтӯрҳои муҳофизатӣ мустаҳкам мекунанд. Корашон осон не, балки хавфнок аст, аммо чун нияташон созандагию азмашон қавист, ин амалро бо заҳмату талош ва ҷасорати махсус анҷом медиҳанд. Тавре аз суҳбат бо коргарон маълум шуд, мақсад аз бунёди чоҳҳо ин аст, ки ҳангоми баланд шудани сатҳи об аз садди обанбор қисми зиёдатии он аз тариқи ин қубурҳо поён фуроянд.

- То ба сахтии кӯҳ расидани об тоза кардани сангу шағалро идома медиҳем. Баъд аз ин, қабати болоиро пурра бо семент мустаҳкам мекунем, то хавфу хатаре аз фуромадани сангу рег ба дохили обанбор боқӣ намонад,- афзуд директори истеҳсолии НБО «Роғун» Қурбонназар Давронов.

### ШАҲРЕ ДАР ДИЛИ КӮҲ

«Роғун», ки дар дили кӯҳ бунёд ёфта истодааст, иншооти хеле нодир арзёбӣ мешавад. Мо ба дили кӯҳ ворид шуда, шаҳристонеро равшану озода дидем. Чӣ шаҳри зебое дар дили кӯҳ бунёд шуда…

Ин ҷо касе бекор нест. Дар кӯчаю паскӯчаҳо, роҳравҳои азиму баланд низ одамон ба коре банданд. Онҳо ба назар уқобонеро мемонанд, ки дар ёлаи кӯҳ бо азму талош барои худ лона месозанд.

Диққати моро бештар нақбҳои дохили неругоҳ ҷалб намуд. Онҳо аз нақбҳои муқаррарие, ки ағбаҳоро шикофта мегузаранд, тафовут доранд. Калону васеъ ва баланду барҳаво ба назар мерасанд. Туннелҳои обгузар мутобиқ ба талабот бунёд мешаванд.

Умуман, дар ин макон нақбҳо мақоми аввалиндараҷа доранд, зеро ҳама кор дохили нақбҳо ба анҷом мерасад. Қисми азимашон роҳҳои нақлиётӣ, қисми дигар вазифаи саройи, биною толор ва идораҳои хизматиро ба ҷо меоранд. Аз ҳама зиёд садои васлгарӣ ба гӯш мерасад. Кафшергарон бо ин амалашон оромиро халалдор, нақбҳои калонро дубораю себора тӯрбофӣ менамоянд.

Коре, ки дар «Роғун» ҷараён дорад, ҳар бинандаро ба ҳайрат мегузорад. Ин манзараҳоро дида, кас беихтиёр мегӯяд: «Роғун», воқеан, муъҷиза аст, муъҷизаи аср!

Он имрӯз ба иншооти бузургтарини аср, корзори бузурги нангу номуси миллӣ, амалисозии орзую армони тоҷикон, майдони қаҳрамонӣ, арсаи далерию ҷавонмардӣ, андӯхтани ҳунару таҷриба барои ояндасозӣ мубаддал гаштааст. Ҳоло дар ин ҷо ҳазорҳо родмардони Ватанро метавон дид, ки аз гӯшаю канори ҷумҳурӣ ҷамъ омада, дар дили ин кӯҳи азим ҷо гирифтаанд. Онҳо синаи кӯҳро шикофта, «Роғун»-ро бунёд мекунанд ва бо ин амалашон ба Ватан, миллати худ садоқату мардонагӣ нишон медиҳанд.

Дар ин макон садои симфонияи зебоӣ, меҳнат, ки танҳо хоси созандагони «Роғун» аст, ба гӯш мерасад. Ин садо аз қалбҳои пурҳарорати бунёдкорони «Роғун» бармеояд, ки содиқона бароиояндаи дурахшони кишвар заҳмат мекашанд.

Достони «Роғун» идома дорад. Ҳоло кор дар мавзеъҳое ҷараён мегирад, ки баъди чанде зери об мемонанд. Корҳои дохили неругоҳ низ кам нест ва ин ҳама давра ба давра, дар вақтҳои таъиншуда ба анҷом хоҳанд расид. Ҳоло масъалаи аз ҳама муҳим дар вақти таъиншуда барои истифода омода кардани агрегати сеюми «Роғун» мебошад.

**Алихон ЗАРИФӢ, «Садои мардум»**

Садои мардум

17 июли соли 2024 № 91 (4831)

# ИФТИТОҲИ КОРХОНАҲОИ НАВ ДАР ДУШАНБЕ

(Идома аз саҳ. 1)

Марҳилаи дуюми корхона аз хатҳои иловагии истеҳсоли риштаҳои полипропиленӣ, дӯхти матоъ, ламинатсия, суратофарӣ, буриши матоъ ва насби клапанҳои автоматӣ иборат буда, имкон медиҳад, ки 140 нафар ба кори доимӣ таъмин гарданд. Мувофиқи нақша дарояндаи наздик шумораи коргарон ба 600 нафар расонида мешавад.

Иқтидори истеҳсолии корхона аз 70 млн. дона халтаҳои полипропиленӣ то ба 120 млн. дона расонида шуда, талаботи бозори дохилӣ дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, кимиё ва ғайра пурра бо халтаҳои дорои клапани автоматӣ бо технологияи инноватсионии Ад Стар «AD STAR» қонеъ мегардад ва вобастагӣ аз маҳсулоти борпечонии хориҷӣ бартараф мешавад. Ҳамчунин, қисми боқимондаи маҳсулот содирот хоҳад шуд.

Насби технологияи насли нав имкон медиҳад, ки корхона бе партов фаъолият намуда, боқимондаи ашёи коркардшуда ба дигар корхонаҳои саноатӣ барои истеҳсоли номгӯи дигари маҳсулоти саноатӣ равона шавад. Ғайр аз халтаҳо барои семент, ҳамчунин, ширкати «Ғаюр Гурӯҳ» тибқи фармоиш имкон дорад, ки тавлиди халтаҳои полипропилении орд, дигар номгӯи маҳсулоти ғизоӣ ва маҳсулоти кимиёвиро ба роҳ монад.

Тамоми марҳилаҳои истеҳсолии халтаҳои полипропиленӣ, шурӯъ аз коркарди ашёи хом то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ ва рангу ороиши он, дар худи корхонаи навтаъсис роҳандозӣ гардидааст.

Президенти кишвар зимни боздид ба фаъолияти истеҳсолии корхона ва иқдоми соҳибкори ватанӣ баҳои баланд дода, ба онҳо ҷиҳати назорати сифат ва тавлиди маҳсулоти рақобатпазир дастуру маслиҳатҳои муфид доданд.

Ҳамчунин, дар ҳамон ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ ба фаъолияти Корхонаи истеҳсоли платаҳои чопӣ ва фурӯзонакҳои диодӣ оғоз бахшида, бо раванди истеҳсолот шинос шуданд.

Таҷҳизот ва технологияи наву инноватсионӣ аз Ҷумҳурии Корея, Ҷумҳурии Мардумии Чин ва Ҷопон харидорӣ ва ба корхона ворид гардидааст.

Корхонаи истеҳсоли фурӯзонакҳои диодӣ ва дигар таҷҳизоти равшанидиҳанда дар кишвар ягона буда, дар доираи дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон барои саноатикунонии босуръати кишвар сохта шудааст.



Корхонаи истеҳсоли фурӯзонакҳои диодӣ ва платаҳои чопӣ аз хатҳои автоматии аз ҳамдигар мустақили платаҳои чопӣ SMT line, рангуборкунӣ, насбу васли фурӯзонакҳои диодии мурудшакл, пресофарии оҳан, пластмасса барои фурӯзонакҳо ва ғайра иборат мебошад.




Хати истеҳсоли платаҳои чопӣ имкон дорад, ки маҳсулоташро на танҳо барои фурӯзонакҳои диодӣ, балки барои зиёда аз 150 номгӯи таҷҳизоти барқӣ, аз қабили яхдон, кондитсионер, телевизор, камераҳои назоратӣ, ҳисобкунакҳои барқӣ ва ҳамчунин, мошинсозию мебелбарорӣ тавлид намояд, ки замина барои рушди дигар соҳаҳои саноат дар кишвар мегардад.

Бунёди корхонаи мазкур, ҳамчунин, имкон медиҳад, ки истеҳсоли платаҳои чопӣ (PCBA) ва қисмҳои фурӯзонакҳои диодӣ дар дохил ба роҳ монда шуда, Тоҷикистон ба яке аз калонтарин истеҳсолкунандагони маҳсулоти мазкур дар минтақаи Осиёи Марказӣ табдил ёбад.

Дар маҷлисгоҳи корхонаи истеҳсоли платаҳои чопӣ ва фурӯзонакҳои диодӣ ба Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон лоиҳаҳои минбаъдаи ЧДММ «Ғаюр Гурӯҳ» муаррифӣ шуд. Тибқи нақша дарояндаи наздик корхонаи истеҳсоли смартфон, планшет, соатҳои рақамӣ, ноутбук ва камераҳои назоратӣ дар шаҳри Душанбе бунёд меёбад. Корхонаи мазкур аз пажӯҳишгоҳи тадқиқот ва рушд, хатҳои истеҳсоли қисмҳои металлӣ, пластикӣ, платаҳои чопӣ ва хати васлу насб иборат мебошад.

Дар ҳамон ҷо Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ аз намоиши маҳсулоти корхона дидан карданд.

Аз ҷумла, семент, гаҷкартон, халтаҳои полипропиленӣ, маҳсулоти гигиенаи шахсӣ ва ғайра ба намоиш гузошта шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суҳбат бо роҳбарияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ғаюр Гурӯҳ» ҷиҳати истифодаи пурра аз иқтидорҳои мавҷуда дар ин самт ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ барои шаҳрвандони кишвар дастуру маслиҳатҳои судманд доданд.

**16-уми июли соли ҷорӣ Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар ноҳияи Синои пойтахт Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ҷавоҳироти заргарии Зарафшон»-ро ба истифода доданд.**

Иншооти нави истеҳсолӣ аз коргоҳҳои заргарӣ ва маркази фурӯши тилло иборат буда, дар як сол иқтидор дорад то як тонна тиллоро коркард намояд. Минбаъд намудҳои гуногуни ҷавоҳирот бо истифода аз технологияи муосир дар ҳамин ҷой истеҳсол ва пешниҳоди мизоҷон мешавад.

Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъсиси корхонаи нави саноатиро дар шаҳри Душанбе ҷиҳати истихроҷу коркарди металлҳои қиматбаҳо дар дохили кишвар то маҳсулоти ниҳоӣ муҳим арзёбӣ намуданд.

Бо амалӣ гардонидани ҳадафҳои Ҳукумати кишвар аз ҷониби Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанбе дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ҷавоҳироти заргарии Зарафшон» тибқи лоиҳа 65 ҷойи нави корӣ таъсис дода шуд.

23 декабри соли 2022 Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон супориш дода буданд, ки барои таъсиси 4 корхонаи коркарди металлҳои қиматбаҳо то истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шавад.

Бо иҷрои саривақтии ин супориши Роҳбари давлат Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ҷавоҳироти заргарии Зарафшон» дар ҳамкорӣ бо сармоягузорони Чин сохта ба истифода дода шуд.

Корхона аз ҳуҷраҳои рехтагарӣ, буриш, занҷирбофӣ, қолабрезӣ, нақшбандӣ, бастубанд ва дигар коргоҳҳо иборат мебошад. Хатҳои нави технологии корхона имкон медиҳад, ки ашёи хоми маҳаллӣ то сатҳи ниҳоӣ коркард ва аз он маҳсулоти заргарӣ мутобиқ ба талаботи бозорҳои байналмилалӣ истеҳсол шавад.

Намудҳои гуногуни маҳсулоте, ки дар Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Ҷавоҳироти заргарии Зарафшон» истеҳсол мешавад, дар мағозаи корхона муаррифӣ карда шуд.




Корхонаи саноатӣ аз ду бинои ду ва се ошёна иборат буда, ҳудуди он, ки 30 садякро ташкил медиҳад, чароғон ва сабзкорӣ шудааст. Умуман, дар ин мавзеъ таъсиси ҳамин гуна 4 корхонаи саноатӣ бо 300 ҷойи нави корӣ ба нақша гирифта шудааст.

Дар ин рӯз, инчунин, марҳилаи дуюми Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» муаррифӣ шуд. Хати нави технологӣ дар як шабонарӯз иқтидори коркарди 4 ҳазор тонна маъданро дошта, аз он хокаи тилло истеҳсол мешавад.

Арзиши умумии сохтмони марҳилаи дуюми Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «ТВЕА Душанбе саноати кӯҳӣ» 650 миллион сомониро ташкил намуда, дар он таъсиси 600 ҷойи нави корӣ пешбинӣ шудааст.

**16-уми июли соли 2024 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва Раиси Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси шаҳри Душанбе муҳтарам Рустами Эмомалӣ дар кӯчаи Ҳофизи Шерозии ноҳияи Синои пойтахт бинои тарабхонаи «Баҳор - Фарел»-ро мавриди истифода қарор доданд.**

Иншооти муосири хизматрасониву сайёҳӣ мутобиқи дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар доираи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи Ҷашни 35-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе аз ҷониби соҳибкори ватанӣ, роҳбари Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Баҳор» Саймуҳриддин Сайфов бунёд шудааст.

Ёдовар мешавем, ки 10 ноябри соли 2022 Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ифтитоҳи ҳавзҳои моҳипарварии Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Баҳор» дар мавзеи Олучадараи деҳоти Ромити шаҳри Ваҳдат дастур дода буданд, ки бо истифода аз ин имкон дар пойтахти кишвар нуқтаҳои фурӯши гулмоҳӣ ва хӯрокҳои аз он омодашударо таъсис диҳанд.

Корҳои сохтмониву бунёдӣ дар иншооти нави хизматрасониву сайёҳӣ бо ҷалби мутахассисони маҳаллӣ дар муҳлати кӯтоҳ бо риояи санъати хоси меъмории милливу муосир бо сифати баланд ба анҷом расид.

Бинои тарабхонаи «Баҳор - Фарел» аз таҳхона ва се ошёна иборат буда, дорои се толори калон, ҳуҷраҳои алоҳидаи оилавӣ, нуқтаи фурӯши моҳӣ ва дигар иншооти ёрирасон мебошад. Масоҳати умумии иншоот наздики 1 гектар буда, бо ифтитоҳи он зиёда аз 100 ҷойи корӣ муҳайё гардидааст.

Дар тарабхона имкон аст, ки дар як вақт ба зиёда аз 500 нафар хизмат расонида шавад. Хӯрокҳо аз моҳӣ дар ин тарабхона аз тарафи ошпазони моҳир омода мегардад.

Дар тарабхона, ҳамчунин, дигар навъи хӯрокҳои милливу аврупоӣ бо таъму лаззати хос тайёр ва пешниҳоди мизоҷон мегардад ва ба таъкиди масъулон танҳо аз моҳӣ наздики 20 навъ хӯрок ва дар умум, 100 навъ ғизо ва хӯришҳо омода мешавад.

Дар нуқтаи фурӯши тарабхона моҳии зинда, дудпаз, тухми моҳӣ, гӯшти парандаи истеҳсоли худӣ ва чорво ба фурӯш бароварда шудааст.

Тавре таъкид гардид, Тоҷикистон бо табиати биҳиштосои кӯҳсор, тармаву пиряхҳо ва рӯдҳои шӯхи сардоб имкон дорад, ки аз ҷиҳати истеҳсол ва содироти гулмоҳӣ дар ҷаҳон дар ҷойи аввал қарор дошта бошад. Тавре иттилоъ дода шуд, феълан иқтидори истеҳсолии ЧДММ «Баҳор» дар як сол 200 тонна гулмоҳӣ буда, дар 2 соли оянда дар асоси дастуру ҳидоятҳои Сарвари давлат ин нишондод то ба 1000 тонна расонида хоҳад шуд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аснои шиносоӣ бо шароити фароҳамгардида дар тарабхонаи тозабунёд ба масъулон ҷиҳати дар сатҳи баланд ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба меҳмонону сайёҳони дохилию хориҷӣ ва муаррифии фарҳанги баланди меҳмоннавозии тоҷикона дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

Атрофи иншоот бо услуби хос гулкориву сабзкорӣ ва дар саҳни он се фаввора бунёд шудааст. Ҳамчунин, барои воситаҳои нақлиёти мизоҷон 140 ҷой таваққуфгоҳ мавҷуд мебошад. Шабона рӯшноии бинои тарабхона ба ҳусни ин мавзеъ зебоии хос зам менамояд.

Роҳбарияти Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Баҳор» нақша доранд, ки дар заминаи шароити хуби соҳибкорӣ дар кишвар боз ду адад чунин тарабхонаҳои замонавиро дар шаҳри Душанбе ба истифода диҳанд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иқдоми роҳбарият ва кормандони Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди «Баҳор»-ро дар самти рушди соҳаи моҳипарварӣ, сайёҳӣ ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ намуна арзёбӣ карда, ба масъулони дахлдор барои дастгирии ҳамаҷониба аз ин гуна ташаббусҳои созанда дастуру супоришҳои мушаххас доданд.

**www.prezident.tj**

---

# ТАВБАФАРМОЁН ЧАРО ХУД ТАВБА КАМТАР МЕКУНАНД?

**Замони ҳозира яке аз мушкилтарин ва хавфноктарин давраҳо дар таърихи даҳсолаҳои охири башарият мебошад. Зеро баъд аз суқути давлати шуравӣ ва соҳибистиқлол шудани ҷумҳуриҳои он, аз ҷумла Тоҷикистон, мубориза барои ҳокимият хеле шадид гашта, неруҳои тундрав, ифротӣ ва террористӣ фаъолияти худро густурда намуданд. Аслан, ин мубориза на танҳо барои ғасби ҳокимият, балки ҷорӣ намудани низомҳои мазҳабии асримиёнагӣ ва аз шоҳроҳи тараққиёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмии муосир боздоштани мардуми ин кишварҳо, махсусан мусалмонон, будааст.**

Барои беҳтар дарк кардани ин нақша ба солҳои 90-уми асри гузашта руҷӯъ кардан зарур ба назар мерасад, зеро заминаҳои имрӯз фаъол шудани баъзе ҳаракатҳои ифротӣ бештар ба ҳамон давра вобаста мебошад.

Ҳанӯз дар охирҳои солҳои 80-ум ва аввали 90-уми асри XX халқҳои Иттиҳоди Шуравӣ ба имтиҳони сахти таърих рӯ ба рӯ шуда буданд. Дар он солҳо ҳам хиёнат буд, ҳам ҷанг ва ҳам нанг. Хиёнат аз тарафи вобастагони неруҳои харобгар ва нанг аз ҷониби мардуми дилогоҳу ватанпараст ва парастори ҳақиқат. Дар Тоҷикистон, ки мардум ба шароити ороми солҳои 60-80-ум одат карда буданд, аз нақшаҳои дасисакории М.С.Горбачёв, А. Яковлев, Б. Елтсин ва пайравонашон маълумоти кофӣ надоштанд. Пайравони онҳо ва табаддулотхоҳони динӣ, ки бо шиорҳои демократия ва озодӣ мардумро ба майдонҳо мекашиданд, бо торҳои ниҳонӣ аз беруни кишвар идора мешуданд. Вале мардуми одӣ ин тарҳҳоро дида наметавонистанд ва аз пайи «ҳақиқатҷӯён»-и ба ном озодихоҳ рафта, 150 ҳазор қурбон шуд. Яке аз донишмандони муосири рус навиштааст: «Пас аз он ки чаҳорчӯбаҳои собиқ якбора холӣ ва бекор шуданд, чӣ рух дод? Соҳаҳои холишудаи институтсионалӣ ва ё ғайриинститутсионалиро гурӯҳҳои тасодуфан ва ё зуд ташаккулёфта, ки баъзеи онҳо иттиҳодияҳои мафиозӣ буданд, ба зудӣ «хусусӣ» карданӣ шуданд ва батезӣ ба мубориза барои қудрат ва нуфуз пардохтанд». Таърих, ба ақидаи муҳаққиқ, бори дигар исбот кард, ки агар зӯроварӣ бо зӯроварии дигар бартараф карда шавад, самараҳои тамаддунӣ аз байн мераванд. Ҳамин тавр, тамаддуни шуравиро комилан рӯфта партофтанӣ шуданд.

Дар воқеаҳои солҳои 90-уми асри гузашта ҳамин ҳодиса рух дод ва гурӯҳҳое, ки ба таври ғайриконститутсионӣ, бо зӯроварӣ ва даҳшатафканӣ ба сари қудрат омаданӣ буданд, боиси хароб шудани низоми иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ гардиданд. Яке аз роҳҳои таъсиррасонӣ ин буд, ки худро ҳомии дин нишон дода, тарафи муқобилро ба куфру ҷиноят гунаҳгор мекарданд.

Имрӯз онҳое, ки мақсадҳои худро дар Тоҷикистон дар он солҳо амалӣ карда натавониста буданд, баҳонаеро барои ба шӯр андохтани ҷомеа ҷустуҷӯ мекунанд. Зеро муваффақиятҳое, ки Тоҷикистон ба даст овардааст, онҳоро ором намегузорад ва ҳамон амалҳои харобиоварро, ки анҷом медоданд, зери шиори ҳимояи Ислом мехоҳанд идома диҳанд. Ба наздикӣ аз ютуб барномаеро тамошо кардам, ки Аҳмад Фирӯз ном шахсе мардуми Тоҷикистонро ба ҷиҳод даъват мекард, зеро ба ақидаи ӯ дар ин кишвар воридоти Қуръону ба масҷид рафтани ҷавононро манъ кардаанд, барои ҳиҷоб ҷарима муайян сохтаанд ва ғайра ва ҳоказо. Ба гуфтаи ин мавлавӣ гӯё садҳо тоҷикони бечора ба ӯ муроҷиат кардаанд, ки дини Ислом зери хатар аст ва ӯ бояд ба онҳо ёрӣ расонад. Хеле аҷиб аст, ки ин мавлавӣ, намедонам боре ба Тоҷикистон омада бошад, бо мардуми тоҷик, зиндагии ӯ, масҷидҳои шаҳрҳову ноҳияҳо, ибодати мардум ошно шуда бошад ё не?

Ин марди аз ҷаҳони муосир ва аз ватани худ бехабар, чунон худро дилсӯзи мусалмонони Тоҷикистон нишон медиҳад, ки агар ба ӯ фарзан касе бовар кунад, бояд ҳамаи корҳо ва зиндагии худро як сӯ гузошта, ба даст силоҳ бигирад, ба кӯчаҳо барояд, ҷиҳод кунад, хун резад ва Тоҷикистонро ба коми ҷаҳолат кашад. Ӯ худро ба нодонӣ мезанад ва намегӯяд, ки боре ҳамфикрон, ҳамразмон ва хоҷагони ӯ ҳамин шиорҳо, даъватҳоро дар масҷидҳо, кӯчаю бозор, маҳаллаҳову гузарҳо ошкоро бо тамоми овоз такрор мекарданд. Як гурӯҳ мардуми фиребхӯрда ба онҳо бовар карда натиҷаашро дид. Тақрибан 150 ҳазор тоҷик қурбони дасисаи ин гуна мавлавиҳо шуданд, иқтисоди кишвар харобу тақрибан як миллион гуреза ба хориҷ ва дар дохили кишвар овораву саргадон шуданд.

Шиорҳои фиребандаи ба ҷиҳод даъваткунанда боиси он шуданд, ки илму маориф ва фарҳанги тоҷик аз ин мавлавиҳо зарбаи ҷонкоҳ диданд.

Тоҷикистон дар оғози соҳибистиқлолии давлатӣ дар натиҷаи «паёмҳо»-и ин гуна воизон, ки «ҷилва дар меҳробу минбар мекунанд», ба фалокате дучор омада буд, ки халқ орзу мекард дуто нонро бемалол ба даст орад ва аз тири нохалафон дар амон бошад. Фарзандони фарзонаи тоҷики афғонистонӣ Бурҳониддини Раббонӣ ва Аҳмадшоҳи Масъуд Эмомалӣ Раҳмонро дастгирӣ ва ба мантиқи ӯ бовар карданд.

Имрӯз ба ин мавлавии дурӯғпарокани иғвогар ва ҷиҳодталаб бояд хотирнишон кард, ки Тоҷикистон аз фақру гуруснагӣ наҷот ёфт. Маҳз Президент Эмомалӣ Раҳмон буд, ки барои хомӯш кардани оташи ҷанги шаҳрвандӣ ҷонро ба каф гирифта, халқи худро ба оромӣ ва осудагӣ овард.

Маҳз ҳамин Ҳукумати имрӯза буд, ки масҷидҳои нав эъмор шуданд, расму анъанаҳои аҷдодӣ эҳё гардиданд. Маҳз ҳамин Ҳукумат буд, ки аввалин бор дар Тоҷикистон донишкадаи исломӣ ба вуҷуд омад. Маҳз ҳамин Президент Симпозиуми байналмилалии 1310-умин солгарди Имоми Аъзамро баргузор карда, моҳияти мазҳаби ҳанафиро ба мардум тавзеҳ доданд.

Ин мавлавӣ даъвои сухани ҳақ дорад ва бар забон меорад, ки «ҷоъ-ал-ҳақ ва заҳақ-ал-батил иннал-батила кана заҳуқа», яъне «ҳақ боқӣ хоҳад монд ва дурӯғ нобудшаванда аст». Оре, ин суханони қуръонӣ, бешак, ҳақ мебошанд ва мо эътироф дорем. Вале мавлавӣ Аҳмад Фирӯз мегӯяд, ки Президенти Тоҷикистон ҳаҷро манъ кардааст. Ин сухани Аҳмад Фирӯз дурӯғи маҳз аст. Биёед ба рақамҳо муроҷиат кунем. Ҳамин сол ба зиёрати Маккаи мукаррама беш аз 10 ҳазор нафар рафтанд. Аз ҷумла, ба ҳаҷҷи фарзӣ беш аз шаш ҳазор нафар. Пас, ин мисоли равшан оё сухани Аҳмад Фирӯзро тасдиқ мекунад ё рад? Агар Президент маросими ҳаҷро манъ карда бошад, ин 6 ҳазор нафаре, ки ба зиёрати хонаи Худо рафтаанд, пинҳонӣ рафтаанд? Оё ҳоҷиҳое, ки аз зиёрат баргаштаанд, суханони Аҳмад Фирӯзро ботил намешуморанд?

Аз олимони динии Тоҷикистон ҷавоби Ҳоҷӣ Мирзоро шунидам, ки хеле мантиқӣ ва бомулоҳиза буд. Даъвоҳои ҷиҳодии Аҳмад Фирӯз баринҳоро бо далел рад мекард.

Мавлавӣ Аҳмад Президент ва Ҳукумати Тоҷикистонро ба куфр муттаҳам месозад ва фатво медиҳад, ки бар зидди Президент, Ҳукумати Тоҷикистон ва ҷонибдорони он қиём кунанд, зеро онҳоро кофир мехонад.

Ман огоҳ нестам, ки оё Аҳмад Фирӯз ҳаққи фатво дорад ва ӯ сарвар ва муфтии мусалмонони ҷаҳон аст, ки шаҳрвандони кишварҳои дигарро ба эъдом фатво медиҳад? Ба олимони динии Тоҷикистон муроҷиат карда мегӯяд, ки бар зидди Президент ва ин Ҳукумати кофирон бархезанд, ҷиҳод кунанд, аз хунрезӣ натарсанд. Яъне, ӯ мехоҳад, ки дар Тоҷикистон ҳамон ҳодисаҳои солҳои 90-ум такрор шаванд. Маълум мегардад, ки барои ӯ хунрезӣ як чизи хеле одӣ мебошад. Ба муллоҳои тоҷик муроҷиат мекунад, ки аз ҷиҳод ва хунрезӣ натарсед. Бинед, ки дар Афғонистон чи теъдод муллоҳо кушта шуданд.

Ҳамин гуна мавлавиҳо ба хун ташна ҳамеша донишмандон ва олимони воқеии динӣ ва дунявиро ба азият гирифтор карда буданд. Суханрониву маъвизаҳои Аҳмад Фирӯз, ки даъват ба ҷиҳоду ҷанг бар зидди Ҳукумати Тоҷикистон аст, ба ҷуз нифоқу фитна ва низоъандозӣ дар байни мусалмонон чизи дигар нест.

Мавлавӣ ба суоли мо чӣ ҷавобе хоҳад дод: Оё Ибни Сино кофир буд? Оё Ҳаким Саноӣ кофир буд? Оё Аҳмади Ҷом кофир буд? Чаро ин шахсиятҳои бузург, фарзандони фарҳехтаи миллати тоҷик, ки ифтихори тамаддуни ҷаҳониӣанд, гурӯҳе ба ном уламо, ки, аслан ба ҷоҳиливу террористӣ ва хунрезӣ ном баровардаанд, онҳоро ба куфр муттаҳам карда буданд? Оё Ибни Сино аз ин гуна муфтиҳо безор набуд, ки дар ҳаққашон гуфтааст:

**Бо ин ду-се нодон, ки чунон медонанд,**
**Аз ҷаҳл, ки донои ҷаҳон ононанд.**

**Хар бош, ки ин ҷамоа аз фарти харӣ,**
**Ҳар к-ӯ на хар аст, кофараш мехонанд.**

Аҳмади Ҷом, ки яке аз бузургтарин мутафаккирон ва шариатмадорони замонаш буда, дар тавба мақоми баланд дошт, чунин муфтиёнро, ки ба куфри мусалмонон фатво медоданд, «нопокон» номида буд. Аҳмади Ҷом навишта буд: «Намедонӣ ки чӣ мекунӣ ҳам ба худ ва ҳам ба мусалмонӣ? Эй муфтиёни беилм ва бехирад ва бетақво! Агар шуморо илм ва хирад ва тақво ёр будӣ, ҳаргиз дар боби ҳеҷ мусалмоне ба кофарӣ фатво накардӣ. Ҳар кӣ аз аҳли илм буд, донад, ки мо кофарӣ аз мусалмонӣ ба қавли шаҳодат боз донем. Ҳеҷ кас аз дили ҳеҷ кас надонад ва хабар надорад, то ӯ дар дил чӣ дорад. Макунед, эй нопокон! Даст аз чунин фатво бардоред, ки Худой ва расул ва ҷумлаи анбиё ва ҷумлаи мусалмонон хасми шумоанд... Ман, аз инҳо, ки шумо кофар мегӯед, якеам ва монанди ман бисёр аст. Ва ман аз сари таҳқиқ ва тақво фатво мекунам, ки муфтие, ки ин мусалмононро ба куфр фатво мекунад, ҳаргиз эшон аз уҳдаи он берун натавонад омад. Ҳақ Таъоло эшонро тавбаи насуҳ кароматт кунад ба ҳаққи Муҳаммад ва олиҳи аҷмаин».

Хонандаи азиз, бубинед ба чунин фатводеҳон ҳазор сол қабл мутафаккири бузург, шайхулислом, шоири озодфикр бо чӣ ҷасорате ва чӣ гуна ҷавоб додааст.

Мо, мусалмонони тоҷику тоҷикистонӣ, ба суханони иғвоангез, тӯҳматолуд ва даъват ба хунрезии Аҳмад Фирӯз бовар кунем ё ба шайхулислом Аҳмади Ҷом, ки асрори чунин фатвогаронро хеле равшан ифшо карда буд? Ҳар шахси оқил, ватанпараст ва аз таърихи миллату дунё бохабар ба хубӣ дарк мекунад, ки даъват ба ҷанг, хоҳ бо истифодаи шиорҳои дунявӣ бошад, хоҳ бо шиорҳои динӣ, камоли бехирадӣ буда, ба ғайр аз харобӣ ва куштор чизи дигаре намеорад.

Ҳизби наҳзати ислом солҳои 90-уми асри гузашта бо чунин шиорҳои ҷиҳодӣ мардумро сарсону саргардон ва иқтисоду ҳаёти иҷтимоиро ба касодӣ оварда буд.

Ҳизбҳои мухталифи исломӣ, ки даҳсолаҳо дар Афғонистон барои забти ҳокимият мубориза бурданду ва имрӯз низ баъзе аз онҳо ки дар сари қудратанд, қонунҳои қуруни рустоиро ҷорӣ карда, мардум ва кишварашонро аз роҳи тараққиёт боздоштанд.

Мавлавӣ Аҳмад бо тамоми неру бар зидди Тоҷикистон ҷиҳод эълон кардааст. Вале ӯ агар ватанпарасти воқеии кишвари худ бошад, чаро дар бораи поймол шудани ҳуқуқи тоҷикон дар он ҷо чизе намегӯяд. Чаро дар бораи аз таҳсил манъ кардани духтарон, аз корҳои таълиму тарбия дур кардани занон, бастани мактабҳои олӣ, манъ кардани истифодаи калимаҳову истилоҳоти дарӣ аз тарафи толибон даҳон намекушояд?

Чаро маҳз масъалаи ҳиҷобро барои Тоҷикистон матраҳ намуда, аз сиёсати зидди тоҷикии толибон ҳарфе ба забон намеоварад? Аз шунидани суханону ӯ ба хулоса омадан мумкин аст, ки ба ӯ ҳамчун тӯтӣ соҳибонаш як мавзуъро ёд додаанд ва ба ғайр аз куфру илҳоди Ҳукумати Тоҷикистон чизеро намедонад. Оё ин «дилсӯзи тоҷикон», ки мардуми мусалмони кишварро ба ҷанг бар зиддӣ Ҳукумат даъват менамояд, агар худаш тоҷик бошад (мутаассифона, миллаташро намедонам), лоақал аз рӯи инсоф дастовардҳои Тоҷикистонро дар дохил ва арсаи байналмилалӣ эътироф мекард. Таҳлилгари оқил камбудиро ки гуфт, комёбиашро низ аз рӯи инсоф бояд бигӯяд. Ба гуфтаи пандомӯзи лисонулғайб Ҳофизи Шерозӣ «айби касро, ки бигуфтӣ, ҳунараш низ бигӯ».

Агар Президенти Тоҷикистон либоси миллии мардуми худро таблиғ карда, анъанаҳои неки ниёгонро эҳё карданӣ бошад, пас ин оё бар зарари Ислом аст?

Аз ҷаноби Аҳмади Фирӯз пурсиданӣ ҳастем, ки оё он заноне, ки дар Тоҷикистон (ва на танҳо дар Тоҷикистон) беҳиҷоб, бо либосҳои миллии худ дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла дар риштаи таълиму тарбия, илм, тандурустӣ, тиҷорат, корхонаҳои саноатӣ, ҳунармандӣ, косибӣ, кор мекунанд, онҳо кофир ҳастанд? Бадахлоқ ҳастанд? Ва баръакс, оё ҳамаи онҳое, ки зери ҳиҷоб ҳастанд, покдоман ва мусалмонони бегуноҳ мебошанд? Хуб мешуд, ки ин мавлавӣ бо баҳси шоири шаҳири эронӣ Эраҷ Мирзо ва шоири маъруфи он кишвар Орифи Қазвинӣ ошно мешуд.

Мавлавӣ Аҳмад мегӯяд, ки Қуръон хондан, дар масҷид садо баланд кардан ва ҳаҷро Президенти Тоҷикистон манъ кардааст. Оё ин мавлавӣ далел дорад, ки дар кадом масҷид ва дар куҷо азону намозро манъ кардаанд ва ё агар манъ карда бошанд, ба кадом иллат буда. Вақте бодиққат, боинсофона, бидуни таассуб суханони мавлавӣ Аҳмади Фирӯзро гӯш мекунӣ ва воқеияти Тоҷикистонро мебинӣ, комилан дурӯғ будани суханони ӯ ошкор мегардад. Ман олими дин нестам, вале аз дин бехабар ҳам нестам. Мавлавӣ Аҳмад ба шӯр омада мегӯяд, ки анқариб мардуми Тоҷикистон насронӣ мешаванд. Оё ин суханони Аҳмади Фирӯз рост аст? Ман бо боварии комил мегӯям, дурӯғ аст. Ин гуфтаи мавлавии мазкур ба Қуръон садоқат надорад, зеро дар Қуръони карим омадааст: «Инна-ллоҳи Таъоло юҳибу-с-содиқин». Яъне, Худои мутаол ростгӯйҳоро дӯст медорад. Агар инро мавлавӣ Аҳмад хуб донад, бояд мувофиқи он амал намояд. Пас, чаро дар мавъизааш ба дурӯғ майл мекунад?

Ҷиҳодеро, ки чунин мавлавиҳо ва тарафдорони онҳо дар Тоҷикистон ба роҳ андохтанӣ ҳастанд, барои мардуми тоҷик чӣ пайомад хоҳад дошт? Аввалан, аз дасти муҷоҳиддине, ки ба онҳо ба ҷуз ақидаҳои тундравонаи динӣ миллату давлати соҳибистиқлол арзише надорад, зиёиёни бедорфикр ва ватанпарасту маърифатпарвар аз байн хоҳанд рафт. Дуюм, мактабу маорифи дунявӣ баста хоҳад шуд. Занону духтароне, ки соҳиби илму ихтисос ҳастанд, ба гӯшаи фаромӯшӣ маҳкум хоҳанд шуд. Дар ин гирудор, чунон ки дар солҳои навадум шоҳид будем, фирору муҳоҷирати иҷборӣ фарогири тамоми кишвар хоҳад гашт. Истиқлоли давлатӣ зери суол хоҳад монд. Миллати тоҷик, ки тоза қоматашро рост карда, оқибатҳои ҷанги шаҳрвандиро бартараф намуда, соҳиби истиқлоли воқеӣ шудааст, пароканда хоҳад гашт.

Оё мавлавӣ Аҳмади Фирӯз оқибати даъвати ҷиҳодии худашро бар мантиқи ақлу имон баркашидааст?!

Хушбахтона, имрӯз давлати тоҷикон неруҳои солим, ватанпараст, Қувваҳои Мусаллаҳи қавӣ дорад, ки барои табаддулотҳои зиддиконститутсионӣ ҳеҷ гоҳ роҳ нахоҳанд дод. Халқи тоҷик дубора фиреб нахоҳад хӯрд.

Ҷаҳони мутамаддини муосир зидди ҷанг ва зӯроварист. Он кишварҳое, ки пешрафта ҳастанд, мардуми онҳо таҳаммулро асоси зиндагии худ қарор додаанд. Яке аз донишмандони амиқназари муосир навиштааст: «Таҳаммул ва рафтори бидуни зӯроварӣ нишондиҳандаи муҳимтарин ва беғалати рушди ахлоқии инсон ва ҷомеа мебошад. Дар айни замон он тақозои ҳатмии амалии замони мост. Тамоми мантиқи тараққиёти тамаддуни муосир ба дарки ин нукта мебарад, ки таҳаммул ва адами зӯроварӣ шарти муҳимтарини пешрафт ва шукуфоии инсоният дар оянда мебошад».

Ба назари банда шахсони оқил, дурандеш, инсондӯст, аз ҷумла мусалмонони сулҳдӯст ва мутараққӣ, ҷонибдори чунин ақида ҳастанд, на тарафдори ҷиҳоду хунрезӣ.

**Кароматулло ОЛИМЗОДА,**
**академик**

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

### барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин ОЗМУН эълон менамояд:

**ДАСТГОҲИ МАРКАЗИИ ВАЗОРАТИ ФАРҲАНГИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН:**

**1. Сардори шуъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- 4 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- дониш ва малакаи роҳбарӣ, идоракунӣ, банақшагирии раванди кор ва кор бо тобеон;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 3114,10 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**2. Сардори бахши танзими техникӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии муҳандиси сохтмонӣ, техникӣ ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 5 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 2560,25 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**3. Сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии ҳуқуқшиносӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 2320 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**4. Сармутахассиси шуъбаи таҳлил ва дурнамои иқтисодӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 2320,00 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**5. Мутахассиси пешбари раёсати санъат - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии соҳаи санъат ва фарҳанг;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 1890,80 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**6. Мутахассиси пешбари раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ-фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии соҳаи фарҳанг, гуманитарӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 1890,80 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**7. Мутахассиси пешбари раёсати табъу нашр ва матбуот - 1ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии соҳаи касбӣ, гуманитарӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 1890,80 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**8. Мутахассиси пешбари шуъбаи идоракунии корҳо ва назорат - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олӣ, гуманитарӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишҷӯ малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 1890,80 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**9. Мутахассиси пешбари шуъбаи робитаҳои байналмилалӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, гуманитарӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 1890,80 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**10. Мутахассиси пешбари шуъбаи аудити дохилӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбии иқтисодӣ;
- 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 1890,80 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**11. Мутахассиси раёсати табъу нашр ва матбуот – 2 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии соҳаи касбӣ, гуманитарӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**12. Мутахассиси раёсати рушди муассисаҳои фарҳангӣ – фароғатӣ ва ҳунарҳои мардумӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии соҳаи фарҳанг, гуманитарӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**13. Мутахассиси раёсати санъат - 1ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, гуманитарӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**14. Мутахассиси шуъбаи ҳифз ва истифодаи мероси таърихию фарҳангӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**15. Мутахассиси шуъбаи ҳуқуқ, ҳифзи ҳуқуқи муаллиф ва ҳуқуқҳои вобаста - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти касбии тахассусӣ (муҳосибот ё молия);
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**16. Мутахассиси шуъбаи илм ва муассисаҳои таълимӣ - 1 ҷой.**

**Талаботи тахассусӣ барои довталабон:**

- таҳсилоти олии касбӣ, гуманитарӣ;
- донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ ва имлои забони тоҷикӣ ва забонҳои хориҷӣ;
- донистани самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон;
- малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ;
- маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос.

Маоши мансабӣ - 1554,40 сомонӣ, иловапулӣ барои собиқаи хизмати давлатӣ аз рӯи Ҷадвали ягонаи тарифӣ.

**Аз довталабон ҳуҷҷатҳои зерин талаб карда мешавад:**

- аризаи шахсӣ ба унвони роҳбари мақомоти давлатӣ;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо бо 2 дона акси андозаи 4х6 (маълумоти шахсӣ ва фаъолияти меҳнатӣ дақиқ ва фаҳмо нишон дода шавад);
- тарҷумаи ҳол (хаттӣ ва чопӣ);
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот;
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнатӣ надорад);
- маълумотнома дар бораи вазъи саломатӣ (шакли № 038);
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (ИНН);
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумотнома оид ба доштан ва ё надоштани доғи судӣ;
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи шаҳодатномаи ақди никоҳ;
- нусхаи шаҳодатномаи суғуртаи давлатии иҷтимоӣ (СИН);
- маълумотнома аз ҷойи истиқомат (ҳайати оила);
- маълумотнома (объективка) дар шакли хаттӣ ва электронӣ.

**Эзоҳ:** Барои довталабон донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳавии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти Вазорати фарҳанг, самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ, қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ, маҳорати кор бо компютер, донишу малакаи кофӣ аз рӯи ихтисос, малакаи хуби муошират ва маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ зарур буда, донистани забонҳои хориҷӣ бартарӣ дорад.

Қабули ҳуҷҷатҳо - дар муҳлати 21 рӯз аз рӯзи нашри якуми эълон дар бораи гузаронидани озмун.

**Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо ва баргузории озмун:**

734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ 34, тел. 223- 19- 71 ва 221- 04- 23 сайти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон www.vfarhang.tj

# ДИҚҚАТ, ОЗМУН!

## Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон

### барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатии зерин озмун эълон менамояд:

1. Сардори раёсати истихроҷ, коркард ва таъминоти нафту газ
2. Сармутахассиси раёсати иқтисод ва дурнамо
3. Сармутахассиси раёсати иқтисод ва дурнамо
4. Сармутахассиси бахши котибот
5. Мутахассиси пешбари раёсати сармоягузорӣ
6. Мутахассиси пешбари раёсати электроэнергетика
7. Мутахассиси пешбари раёсати захираҳои об
8. Мутахассиси пешбари раёсати муносибатҳои байналмилалӣ
9. Мутахассиси пешбари раёсати ҳуқуқ
10. Мутахассиси пешбари раёсати ҳуқуқ
11. Мутахассиси пешбари шуъбаи коргузорӣ ва назорат
12. Мутахассиси пешбари бахши котибот
13. Мутахассиси раёсати ҳуқуқ
14. Мутахассиси раёсати ҳуқуқ.

Шаҳрвандоне, ки хоҳиши дар озмун иштирок кардан доранд, ҳуҷҷатҳои зеринро ба бахши кадрҳо ва корҳои махсуси вазорат (кӯчаи Шамсӣ 5/1) пешниҳод намоянд:

- ариза ба унвони роҳбари мақомот;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо (акси рангаи 3х4 ва 4х6, 4 дона);
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи ҳуҷҷатҳо дар бораи таҳсилот (диплом);
- нусхаи дафтарчаи меҳнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки агар шахс собиқаи меҳнатӣ надошта бошад);
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038 УЕ);
- нусхаи шиноснома;
- нусхаи гувоҳномаи рақами мушаххаси андозсупоранда (РМА);
- эъломия дар бораи даромадҳо ва вазъи молумулкии худ;
- нусхаи суғуртаи иҷтимоӣ (СИН);
- нусхаи билети ҳарбӣ (барои шахсоне, ки хизмати ҳарбиро адо намудаанд);
- маълумотнома оиди доғи судӣ надоштан;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат.

**Эзоҳ:** талабот барои ишғоли мансабҳои холии маъмурии хизмати давлатӣ:

- сардори раёсат - 3 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансабҳои категорияи дуюм ё 6 сол собиқаи умумии хизмати давлатӣ ё 7 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- сармутахассис - 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- мутахассиси пешбар - 1 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- таҳсилоти олии касбӣ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, донистани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист. Донистани забони русӣ ҳатмӣ ва донистани дигар забонҳои хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад.

**Музди меҳнати заминавӣ:**

- сардори раёсат – 4629 сомонӣ;
- сармутахассис – 2320 сомонӣ;
- мутахассиси пешбар – 1890 сомонӣ;
- мутахассис – 1554 сомонӣ.

**Довталабон маълумоти иловагиро метавонанд аз сомонаи mewr.tj ва телефони 235-97-68 гиранд.**

# АМАЛИГАРДОНИИ АФЗАЛИЯТҲОИ МАҲАЛЛӢ ВА МУСОИДАТ БА ҶАВОНОН ДАР ДОИРАИ «ЛОИҲАИ ТАҲКИМИ УСТУВОРИИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ»

**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи ҳамкориҳо бо Бонки умумиҷаҳонӣ баҳри амалигардонии афзалиятҳои маҳаллӣ ва мусоидат ба ҷавонон маблағҳои грантиро барои татбиқи «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ- иқтисодӣ» ҷалб намуда, лоиҳаи мазкур дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои Панҷ, Фархор, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, Шамсиддин Шоҳин, Ванҷ, Шуғнон, Ишкошим, Дарвоз аз ҷониби Бунёди миллии иҷтимоии маблағгузории Тоҷикистон амалӣ шуда истодааст.**

Зимни иҷрои чорабиниҳои лоиҳавӣ афзалиятҳои маҳаллии фарогир ба усули рушд бо ташаббуси ҷомеа тавассути шарикон оид ба омӯзиш ва мусоидат дар вилояти Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон муайян шудаанд. Дар ин раванд, тибқи пешниҳодоти ҷамоаҳои минтақаҳои мақсаднок, амалисозии 213 зерлоиҳа пешбинӣ гардида, аз ин шумора ба соҳаи маориф 78 зерлоиҳа, соҳаи тандурустӣ - 41, соҳаи энергетика - 70 ва дигар соҳаҳо 24 зерлоиҳа тааллуқ доранд, ки дар давраи татбиқ мавриди истифодабарии баҳрагирандагон қарор дода мешаванд.

Инчунин, ба ҷавонони минтақаҳои фарогир баргузории омӯзишҳои лоиҳавӣ дар марказҳои бунёдшуда бо ҷалби шарикон оид ба татбиқ дар вилояти Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон марҳила ба марҳила идома дошта, ҷиҳати мусоидат ба ҷавонон 1255 баҳрагиранда бо воситаҳои зиндагӣ дар самтҳои дӯзандагӣ, пазандагӣ, қаннодӣ, ошхонаю кошона, кафшергарӣ, занбӯриасалпарварӣ ва ғайраҳо дастрасӣ ёфта, беш аз 1200 нафари дигар бо воситаҳои зиндагӣ дар доираи талаботи «Лоиҳаи таҳкими устувории иҷтимоӣ- иқтисодӣ» таъмин мегарданд.

**Барои гирифтани маълумот ба рақамҳои (+992 37) 221- 87- 53, (+992 37) 221- 68- 44 тамос гиред.**

# ҶАМЪИЯТИ ҲИЛОЛИ АҲМАРИ ТОҶИКИСТОН

САҲА Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо **Дафтари барномаҳо дар Душанбе**

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон (минбаъд ҶҲАТ) ҷиҳати иштирок дар озмуни тендерии таъмини маводу таҷҳизот аз тариқи иштироки номаҳдуд ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва воқеии хоҳишмандро аз рӯи якчанд лот, ки аз тарафи шарики рушд - Дафтари Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (САҲА) дар шаҳри Душанбе маблағгузорӣ шудааст, тибқи таснифоти зерин даъват менамояд:

**Аз рӯи «Лоиҳаи коҳиши хавфи офатҳои табиӣ» (САҲА):**

**Лоти 1:** Таҳия ва чопи маводи иттилоотӣ;

**Лоти 2:** Таъмини маводу таҷҳизоти ғайрихӯрока барои идоракунии ҳолатҳои фавқулода;

**Лоти 3:** Ташкил ва таъмини шароит барои хӯроки нисфирӯзӣ ва кофе-брейкҳо;

**Лоти 4:** Таъмини маводи канселярӣ.

Барои иштирок дар озмуни тендерии навбатӣ таклифи расмӣ дар хусуси иштирок дар озмунҳои тендерии баргузоршаванда, нусхаи ҳуҷҷатҳо, аз қабили сертификат оид ба бақайдгирии расмӣ дар мақомоти давлатӣ, маълумотнома аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ё зерсохторҳои он дар хусуси ҳамчун шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ баромад намудан, инчунин, мавҷуд набудан дар рӯйхати ба сифати қарздор ё бемасъул дар назди дигарон ва дорои иҷозатномаи дахлдор будани шахси ҳуқуқӣ ё соҳибкори инфиродӣ лозим аст.

Талаботи дар боло овардашуда шартҳои асосии озмуни тендерии баргузоршаванда ба ҳисоб меравад.

Барои гирифтани маълумот ва таснифоти асосию иловагӣ хоҳишмандон метавонанд дар ҳудуди соатҳои корӣ бо рақами телефони 224-42-85 занг зананд ё тариқи расмӣ бо суроғаи: шаҳри Душанбе, кӯчаи У. Хайём, 120 унвонии Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон, шуъбаи таъминоти моддию техникӣ муроҷиат намоянд.

Ҷамъияти Ҳилоли Аҳмари Тоҷикистон пурра ва қисме аз таклифҳоеро, ки нархҳои пешниҳодшуда дар онҳо нисбатан паст нишон дода мешаванд, қобили қабул намешуморад.

Муҳлати охирини пешниҳоди ҳуҷҷатҳо *то 1 августи соли 2024, соати $09^{.00}$ ба вақти Душанбе муайян карда мешавад.*

